# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯъи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Дар шароити минтақаи Ҳисор технологияи парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ, аз он ҷумла муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо омӯхта нашудааст ва такмил додани баъзе усулҳои технологияи парвариш ва илман асоснок намудани онҳо аз ҷониби Бегназаров Д.Б. назариявӣ ва амалӣ исбот гардид.

Бегназаров Д.Б. ба истеҳсолот тавсия медиҳанд, ки ба мақсади рӯёнидани ҳосили фаровони дон, равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза, анбӯҳи сабз, бедаи серғизо ва ҳосилхез гардонидани таркиби хок, кишти чормағзи заминӣ навъи маҳаллии минтақабобшудаи “Тоҷикӣ - 15” дар даҳрӯзаи якӯми моҳи июн бо зичии 116 ҳазор растанӣ дар 1 гектар ё 7 дон дар 1 метри тӯлонӣ баъд аз ҷамъоварии ҷави “Пулоди” амалӣ карда шавад.

Натиҷаи корҳои таҳқиқотии Бегназаров Д.Б. дар 1 тавсиянома, 6 маводҳои интишори, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида, дастовардҳои илмӣ дар ҳоҷагии таҷрибавии ба номи “Дзержинский” (ҳоло хоҷагии таҷрибавии “Зарнисор”) дар масоҳати 3 гектар татбиқ шудааст.

Новобаста аз арзандагии кори дессертасия, хуб мешуд боз як таҷрибаи дигар дар минтақаҳои Хатлон иҷро карда мешуд.

Дессертатсияи Бегназаров Д.Б. таҳқиқоти баанҷомрасидаи мӯҳим шуморида мешавад ва он мақсаду вазифаҳои гузошташуда иҷро карда шудааст ва талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Мудири шуъбаи технологияҳои инноватсионӣ
ва тадқиқотҳои илмию маърифатии Институти
масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи
Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Пулатов Я.Э.

734042, ш. Душанбе, кӯчаи Айни 14
“а” tj water @ mail. ru Тел: (+992) 919947556

Имзои Пулатов Я.Э – ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои ИМОГ ва Э АМИТ Имомова Ш.